# ТАТАББӮЪ ДАР ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

**Шавқибой Бахтиев**
*Донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Самарқанд*
*Бо Номи Шароф Рашидов*

**Annotatsiya:** *Maqolada mumtoz she’riyatda Jomiy ijodining tutgan o‘rni, shoir she’riyatining mazmuni, mavzu va mazmuni tadqiq etilib, Jomiy she’riyatining o‘ziga xos jihatlari ham qiyosiy usul asosida ko‘rib chiqiladi. Maqolada Jomiyning o‘tmish va adabiy salaflarga bo‘lgan qiziqishi haqida so‘z boradi. Maqolada Jomiyning o‘tmishga munosabati, she’r yozishda avvalgi shoirlarning ijodiy yo‘nalishlarini saqlab qolganligi, shuningdek, Jomiyning o‘ziga xos tamoyil va qarashlari tahlil qilinadi va muhokama qilinadi.*

**Kalit so‘zlar:** *Tatabbu', javobiya, nazira, tatabbugo`ylik, adabiy an'analar, she'riyat kamoloti;*

**Анотатсия:** *Дар мақола оиди мавқеи татаббӯъ дар эҷодиёти Ҷомӣ, мазмун, мавзӯъ ва мӯҳтавои татабуоти шоир сухан рафта, дар асоси методи компаравистӣ вижагиҳои татаббуоти Ҷомӣ баррасӣ мегардад. Дар ин мақола ҳусну таваҷҷӯҳи Ҷомӣ ба шуарои гузашта ва салафони адиб мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Дар мақола муносибати Ҷомӣ ба шуарои гузашта, нигоҳ доштани тамоюлоти эҷодии шоирони мутақаддим дар навиштани ашъор ва пайравию назираҳои Ҷомӣ таҳлилу паррасӣ гардидааст.*

**Калидвожаҳо:** *Татаббӯъ, ҷавобия, назира, татаббӯъсаро, суннатҳои адабӣ, камоли назм;*

Ҷомӣ дар осори худ соҳирона такомули панҷсадсолаи адабиёти гузаштаро ҷамъбаст мекунад. Аз рӯи осори Ҷомӣ бо камоли боварӣ метавон ҳукм кард, ки дар қарни XV аз мероси гузашта чӣ чиз боқӣ монда ва чӣ аз байн рафтааст. Фахрии Ҳиротӣ дар «Радоиф-ул-ашъор»-и худ 85 ғазали ҷавобияи Ҷомиро меорад, ки дар татаббӯи ғазалҳои Заҳири Фарёбӣ (2), Саъди Шерозӣ (15), Ҳумомии Табрезӣ (2), Низории Куҳистонӣ (6), Хисравӣ (15), Ҳасани Деҳлавӣ (7), Ҳоҷуи Кирмонӣ (1), Имоди Фақеҳ (1), Салмони Саваҷӣ (5), Ҳофизи Шерозӣ (14), Камоли Хуҷандӣ (7), Неъматуллоҳи Валӣ (1), Котибии Туршезӣ (1), Исмату (1), Хаёлии Бухорой (2), Шоҳии Сабзаворӣ (3) ва Шайх Озарӣ (2) эҷод гардидаанд. Албатта, ҳамаи ғазалҳои овардаи Фахриро чун ғазалҳои сармашқ ва ҷавобия пазируфтан нашояд. Масалан Ҷомӣ, ки нисбат ба ғазалиёти Низорӣ, Имдод ва Неъматуллоҳи Валӣ назари манфӣ дошт, наметавонист, ки ба

ғазалҳои онҳо пайравӣ кунад. Вале дар мавриди ғазалҳои дигар метавон бо Фахрӣ ҳамфикр шуд. Худи Ҷомӣ аз ин гурӯҳ Саъдӣ, Хисрав, Ҳасан, Ҳофиз ва Камолро чун устодони ғазал шинохта, ба онҳо пайравӣ карданашро гаштаву баргашта таъкид менамояд.

Таҳлили ҳарҷонибаи ғазалҳои ҷавобияи Ҷомӣ ҳамон ақидаро қавӣ мегардонад, ки дар ин ҳодисаи адабӣ ҳадафи асосӣ дар ҳақиқат ҳам тақлид ва дар ҳеҷ сурат сирқат набуда, барои адиби тавоно он як шакли идома додани суннатҳои адабӣ, анъанаҳои писандида, тазоҳури робитаи замони шоири татаббӯъгӯ бо гузашта, тарзи таъсири як суханвар дар инкишофи истеъдоди фитрӣ ва маҳорати шоирии суханвари дигар, воситаи хубӣ санҷиши табъ ва билохара як навъ муосибиқаи адабӣ эҷодӣ буда, Ҷомӣ мувофиқи талаботии назирасарой ҳангоми ҷавоб гуфтан ба ғазалҳои гузаштагон беҳтарин ҷиҳатҳои услубу сабк, шеваи нигориш, тарзи ифода ва мазмуни ғояи умумиро дар қолаби муайян маҳфуз дошта, бо истифодаи масолеҳи мавҷуда ғазалҳое ба вуҷуд меорад, ки дар фасоҳату латофат, ҳусни зебой ва оҳанг ба тарзи нав ҷилвагар мешавад. Дар айни авҷи эҷодиёт ва синни куҳан ба ҷавобнависӣ идома додани Ҷомӣ низ гувоҳӣ он аст, ки ин шуғли хоси навмашқон набуда, василае будааст, ки адибон бо ин восита “камоли назм“-и худро месанҷидаанд. Чунон ки гуфта шуд, Шайх Муслиҳиддини Саъдии Шерозӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик нахустин шоире шинохташудааст, ки ғазалро ба ниҳояти такомул расондааст. Ҷомӣ ба Саъдӣ ихлоси хосе дошта, дар “Нафаҳот-ал-унс”, “Ҳафт авранг”, “Баҳористон” ва девонҳои сегонаи худ, ӯро ба эҳтиром ёд оварда, ҷиҳатҳои асосии эҷодиёти ӯро таърифу тавсиф намуда ва чандин бор барои исботи фикрӣ худ аз гуфтаҳои Саъдӣ шоҳид меорад. “Баҳористон”-и Ҷомӣ дар пайравии “Гулистон”-и Саъдӣ навиштааст. Нақши Саъдӣ дар ғазалҳои Ҷомӣ низ басе махсус аст. Ҳарчанд Ҷомӣ ғазалҳои Саъдро мустақиман камтар татаббӯъ карда ягон мисраву байти ғазалиёти ӯро ба расму тазмини иқтибос наовардааст, дар саломату равонии ғазал, тараннуми эҳсоси ишқ ва дараҷаи масоили иҷтимоӣ ва амсоли инҳо дар ғазал думболаравии Саъдӣ будани Ҷомӣ ҳувайдост. Ин думболаравии Ҷомӣ ба Саъдиро ғазалҳои бевосита дар татаббӯи ғазалҳои Саъдӣ сурудани Ҷомӣ бештар нишон медиҳанд. Масалан, ғазали зерини Саъдӣ дар муҳити Ҷомӣ ҷавобҳои зиёдеро ба майдон оварда, дар охир таваҷҷуҳи Ҷомиро низ ҷалб менамояд. Ҷомӣ ба он татаббӯъ навишта эътироф менамояд, ки ҷавоби ӯ ба ғазали Саъдӣ баробар набошад ҳам, ба ҷавобҳони ҳамасаронаш баробар аст. Барои санҷидани ҳақиқати сухани Ҷомӣ ин ду ғазалро оварда, муқоиса мекунем.

Саъдӣ:

З-он гаҳ, ки бар он сурати хубам назар афтод,
Аз сурати бетоқатиям парда барафтод.
Гуфтем, ки ақл аз ҳама коре бадар ояд,
Бечора фурӯ монд чу ишқаш ба сар  афтод.
Шамшер, кашидааст назар бар сари мардум,
Чун пой бидорам, ки зи дастам сипар афтод?
Дар сӯхтан пинҳон натавон доштан оташ,
Мо ҳеҷ нагуфтему ҳикоят бадар афтод.
Бо ҳар ки хабар гуфтам аз авсофи ҷамилаш,
Муштоқ чунон шуд, ки чу ман бехабар афтод.
Ҳон, то лаби Ширин наситонад дилат аз даст,
К-он к-аз ғами ӯ кӯҳ гирифт, аз камар афтод.
Соҳибназарон ин нафаси гарми чу оташ
Донанд, ки дар хирмани ман бештар афтод.
Некам назар афтод бар он манзари матбӯъ,
К-аввал назарам ҳар чӣ вуҷуд аз назар афтод.
Саъдӣ на ҳарфи ғами ӯ буд, валекин
Бо Рустами Дастон бизанад, ҳаркӣ дарафтод[5,3].
Ҷомӣ:
Дил дид лабат в-аз ду ҷаҳон бехабар афтод,
Бин мастии ин май, ки аҷабо коргар афтод.
Ҳар ҷо, ки ту шӯрест, ҳамоно, ки зи хубон
Дар тинати поки ту намак бештар афтод.
Зулфи сияҳат сӯхта аз барқи таҷаллист,
Чун акси ду рухсори ту бар якдигар афтод .
То новаки ту бар сипар афтод на ба ман,
Сад чин ба чин аз ҳасадам сипар  афтод.
Парвона зи сӯзе, ки маро ҳастӣ, чу огоҳ,
Ки-ин шӯъла маро дар ҷигар, ӯро ба пар афтод.
Холест дилафрӯз ба ҳар рӯ, ки нишон монд,
Ҳар ҷо ба бутон з-оташи ту як шарар афтод.
Гар зевари тавқи саги худ боядат, инак,
Аз хуни дилам лаълу зи ашкам гуҳар афтод.
Ҷомӣ ғазали Саъдию онон ки ҷавобаш,
Гуфтанд, чу бишнид, ба ин назм дарафтод.
Ин назм на дар пояи Саъдист, валекин
Бо гуфтаи ёрони дигар сар ба сар афтод.

Ғазалҳои Саъдӣ ва Ҷомӣ дар вазну қофия, радиф ва мавзӯъ яканд. Ба ҳамин тариқ, агар худи Ҷомӣ татаббӯи ғазали Саъдӣ будани ғазали худро эътироф намекард, ин матлабро пай бурдан хеле душвор мебуд. Ғазалҳои дигари татаббӯи Ҷомӣ ба ғазалҳои Саъдӣ мисли ҳамин ғазали боло кам ба ҳам наздикӣ доранд ва аз ин гузашта дар ғазалҳои дигар зикри Ҷомӣ дар бораи ҷавоби ғазалҳои Саъдӣ будани онҳо вуҷуд надорад. Ба ғайр аз васлу қофия, радди маънии умумии ғазал, вазну ғазал, ҳамчунин сабки матни куллӣ, ғазали Ҷомӣ ва Саъдӣ ба ҳам наздикӣ дорад. Инро ҳам афзун бояд кард, ки ғазали Ҷомӣ ва ғазали Саъдӣ аломатҳои вазнин ва мухтасарона доранд. Дар ин ҷо алоқаи байни шеър ва шеърро метавон мушоҳида кард. Ғазали Саъдӣ кӯтоҳ аст ва унсури вазниаш сода аст, ки ҳамагӣ ду матлаъ дорад. Ғазали Ҷомӣ ҳамчунин, вазнаш ба вазни Саъдӣ шабоҳат дорад. Дар навиштани матн ҳамчунин Саъдӣ ва Ҷомӣ одат доштаанд, ки мавзӯи ягона, сабки муштараки сода ва тасвири яклухтро риоят кунанд.

Бармегардем ба ғазалҳои Ҷомӣ, ки дар пайравии ғазалҳои Хисрав навишта шудаанд. Акнун ба матлан ду ғазали поён таваҷҷӯҳ намоед:

Хисрав:

Субҳдамон бахти ман зи хоб даромад,
К-аз дарам он маҳ чу офтоб даромад.

Ҷомӣ:

Ёр ба каф соғари шароб даромад,
Маст ба қатли мани хароб даромад.

Татаббӯи болоиро Ҷомӣ дар охири умр гуфтааст, зеро он дар девони сеюми ӯ ҷой гирифтааст. Азбаски ин ғазал навмашқона набуда, маҳсули давраи камолоти беназири эҷодии ӯст, боз як бори дигар ба ашъори татаббӯъ чун як навъ мусобиқаи эҷодӣ нигаристани Ҷомиро собит намуда, нишон медихад, ки дар ҳақиқат ҳам ҳадафи асосии назирагӯӣ дар шароити бисёр маҳдуд навоварист, на тақлид.

Ҷомӣ ва Хисрав. Мавзӯи "Ҷомӣ ва Хисрав"-ро метавон аз чанд ҷиҳат мавриди баҳс қарор дод. Аз ин ҷиҳат табиист, ки чанде муҳаққиқон дар бораи баъзе ҷиҳатҳои ровобитаи эҷодии Ҷомӣ бо Хисрав фикрҳо гуфтаанд. Дар эҷоди ғазал Абдураҳмони Ҷомӣ аз Амир Хисрави Деҳлавӣ таъсир гирифта, дар мазмуни гуногун, гоҳ ба тариқи фарқ, гоҳ ба тарзи эҳтирому шикастанафсӣ, ба ин матлаб ишора мекунад. Вале, ба истиснои баъзе ишораҳои кӯтоҳу умумии Р. Шафақ, Х. Раҳӣ, М. Бақоев ва дигарон дар мавзӯъ баҳсе ба миён наёмадааст. Ҳол он ки Амир Хисрави Деҳлавӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ бо вуҷуди ин ки

адибони гуногунфан будаанд, ҳар ду ҳам эҷодиёти худро бо сурудидани ашъори лирикӣ шурӯъ карда, аз ибтидои ҷавонӣ то охири умр ғазал навиштаанд.

Азбаски Абдураҳмони Ҷомӣ дар тамоми давраҳои фаъолияти эҷодиаш ба ғазалҳои Хисрав таваҷҷӯҳ дошта, ба онҳо бо роҳҳои гуногун пайравӣ кардааст ва инро мутолиаи девонҳои сегонаи ӯ ва таҳрирҳои гуногуни девони якумаш сареҳан шаҳодат медиҳанд, боз як ғазали Хисрав ва татаббӯи онро, ки ҳанӯз дар девони қадимии Ҷомӣ (дар 50-солагии шоир тадвин гардидааст) дида мешавад, оварда онҳоро ба ҳам амиқтар муқоиса менамоем:

Хисрав:

Эй, бе ту гулҳои чаман шуста ба хун рухсорҳо,
Хор аст бе рухсори ту дар дидаам гулзорҳо.
Шуд пӯстам бар устухон чун раг хушку аз фиғон.
Рагҳо нигар инак бар он афтода ҳамчун торҳо.
То офтоби рӯи маҳ дидам он зулфи сияҳ
Дар кӯи ӯ рӯ хамчу каҳ мондаст бар деворҳо.
Ҳар гаҳ, ки чавгон бозад ӯ, бозам ба роҳаш сар чу гӯ,
Оре, маро дар ишки ӯ бошад аз ин саркорҳо.
То чанд чашми пур зи нам дар ишқ хун борам зи ғам,
Оре, ки аз ғам шустаам ман даст аз ин хунборҳо,
Пайкон, ки будӣ дар дарун, бо тири худ карда бурун,
Хурсандие дорам кунун дилро бад-он зангорҳо.
Аз дида ашки ман равон, он сарв дилҷӯи касон,
Хисрав чу булбул дар фиғон, ӯ ҳамнишин бо хорҳо.

**Ҷомӣ:**

Аз хор-хори ишқи ту дар сина дорам хорҳо,
Ҳар дам шукуфта бар рухам з-он хорҳо гулзорҳо.
Азбас фиғону шеванам, чангест хам гашта танам,
Ашк омада то доманам аз ҳар мижа чун торҳо.
Раҳ ҷониби бустон фиган, к-аз шавқи ту гул дар чаман,
Сад чок карда пираҳан, шуста ба хун рухсорҳо.
То сӯи боғ орӣ гузар, сарву санавбарро нигар,
Умре ман наззора сар баркарда аз деворҳо.
Зоҳид ба масҷид бурда пай, ҳоҷӣ биёбон карда тай,
Он ҷо, ки кори нуқлу май, бекорияст ин корҳо.
Ҳар дам фурӯшам ҷон туро, бӯса ситонам дар баҳо,
Девонаам, бошад маро бо худ басе бозорҳо,
Ту дода бори ҳар касе, ман мурда аз ғайрат басе,

Як бор мирад ҳар касе, бечора Ҷомӣ борҳо.

Ба ҳамин тариқ Ҷомӣ ба лутфи табъ ва бикри фикри тӯтии Ҳинд дар сурудани ғазал баҳои баланд дода, аз раҳшаи қалами ӯ ҷӯшиш гирифтанашро таъкид менамояд ва баъзе комёбиҳои ҳунари ӯро дар ин соҳа маълумоти ниҳоӣ медиҳад. Дар ғазале Ҷомӣ "доғии ҳадя", "шарбати марг", "ҳинду ақл" барин мафҳумҳо, "ҳилаи ақл" барин маҷозҳо, "лаби хушку мижаи тар" барин тазод , "аҳли назар" барин ибораи кор фармудаи Хисравро истеъмол карда, дар мақтаи он мегӯяд:

То кунад тӯҳфаи Хисрав, ки бувад тӯтии Ҳинд,

Ҷомӣ аз рашки наи  килк шакар месозад.

Дар баробари баҳои додаш, чунон ки ишора рафт, Абдурраҳмони Ҷомӣ, тақрибан ба 30–36 ғазали Хисрав татаббӯъ навиштааст. Чунин татаббӯъҳои ӯ аз оғоз то анҷоми эҷодиётаг воқеъ гардидаанд ва ҳанӯз аз замони Ҷомӣ аҳли таҳқиқ ва мухлисони эҷодиёти ӯ кӯшишҳое ба харҷ додаанд, ки қаробати ашъори  лирикии Ҷомиро бо Хисрав ба исбот расондаанд.

**Хулоса:**

Ғазалҳои татаббӯъшавандаи А.Ҷомӣ ва ҳатто шоирони дигар низ бештар ғазалҳои ошиқона буда, ғазалҳои орифона нисбатан камтаранд.

Таъкид ҷоиз аст, ки дар нимаи дуюми асри XV на танҳо ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ балки ғазалҳои Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофиз, Ҳасани Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Котибӣ, Навоӣ (Фонӣ), Суҳайлӣ ва дигарон низ диққати назирасароёнро ҷалб карда будааст.

Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳофизи Шерозӣ аз бузургтарин ғазалсароёни форсу тоҷик буда, Абдураҳмони Ҷомӣ дар мактаби ғазалнавсии онҳо тарбия ёфта, анъанаву суннатҳои бавуҷуд овардаи онҳоро дар ин ҷода такомул додааст.

**Адабиёт:**


1. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ-шоири ғазалсаро. –Душанбе: Маориф, 1989
2. Афсаҳзод А. Дар сафи бузургон.-Душанбе: Ирфон, 1986. -334 с.
3. Куллиёти ғазалиёти Хусрав. Лоҳур. 1974, ҷилди аввал
4. Афсаҳзод А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир.–Душанбе: Ирфон,
5. 1989.384с
6. Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ – ибрати ҳамкории азалӣ ва абадии мо.// Маҷмӯи мақолаҳо. – Самарқанд: СамДУ.-2004.
7. Абдунабӣ Сатторов. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ. Душанбе, 1975
8. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва масоили рушди фарҳангсолорӣ дар тамаддуни Шарқ (маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд: Ношир, 2014.
9. Валихӯҷаев Б. Абдураҳмони Ҷомӣ ва адабиёти ӯзбек, дар китоби «Ҷомӣ ва робитаҳои адабӣ», китоби аввал. – Душанбе, «Дониш», 1989